# Оё Худои Таъоло барои шумо имкони чизе садақа карданро надодааст?! Ба дурустӣ ба ҳар бор "субҳоналлоҳ" гуфтан садақа аст; ва ба ҳар бор "Аллоҳу Акбар" гуфтан садақа аст; ва ба ҳар бор "алҳамдулиллоҳ" гуфтан садақа аст; ва ба ҳар бор "ло илоҳа иллаллоҳ" гуфтан садақа аст; ва амри маъруф кардан садақа аст; ва наҳйи мункар кардан садақа аст; ва дар муоширaт кардани ҳар яки шумо бо ҳамсаронатон садақа аст

Аз Абузар (Худованд аз ӯ розӣ бод) чунин ривоят аст: "Гурӯҳе аз ёрони Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ гуфтанд: "Эй Паёмбари Худо, сарватмандон ҳама савобҳоро бо худ бурданд. Онҳо айнан монанди мо намоз мегузоранд; ва айнан монанди мо рӯза медоранд; ва боз аз молҳои зиёдатиашон садақа мекунанд". Пас гуфт: «Оё Худои Таъоло барои шумо имкони чизе садақа карданро надодааст?! Ба дурустӣ ба ҳар бор "субҳоналлоҳ" гуфтан садақа аст; ва ба ҳар бор "Аллоҳу Акбар" гуфтан садақа аст; ва ба ҳар бор "алҳамдулиллоҳ" гуфтан садақа аст; ва ба ҳар бор "ло илоҳа иллаллоҳ" гуфтан садақа аст; ва амри маъруф кардан садақа аст; ва наҳйи мункар кардан садақа аст; ва дар муоширaт кардани ҳар яки шумо бо ҳамсаронатон садақа аст». Гуфтанд: "Эй Паёмбари Худо, агар яке аз мо шаҳваташро (дар ҳамсараш) сарф кунад, дар ин барои ӯ савоб бошад?" Гуфт: «Оё медонед, ки агар шаҳваташро дар ҳаром сарф кунад, барои ӯ гуноҳе ҳаст?! Пас, ҳамчунин агар онро дар ҳалол бигузорад, барои ӯ савоб бошад".
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Баъзе аз саҳобагони фақир, вазъияти худро ба Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шикоят карданд ва гуфтанд, ки мо наметавонем мисли бародарони сарватмандамон бо мол садақа диҳем, то подоши зиёде ба даст орем ва кори нек анҷом диҳем. Онҳо намоз мехонанд, чунон ки мо мехонем, рӯза медоранд, чунон ки мо рӯза медорем, аммо бо молу амволи зиёдатии худ садақа медиҳанд, аммо мо чунин тавон надорем. Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онҳоро ба садақаҳое роҳнамоӣ кард, ки тавон доранд. Паёмбар гуфт: Оё Худо барои шумо он чизеро, ки садақа мекунед, бар зидди нафси худ қарор надодааст?! Пас, “Субҳоналлоҳ” гуфтанатон барои шумо садақа аст, ҳамчунин “Аллоҳу Акбар”, “Алҳамдулиллоҳ” ва “Ло илоҳа

иллаллоҳ” гуфтан ҳама садақа ҳастанд. Амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар низ садақа аст, ҳатто дар вақти муоширати бо ҳамсаратон ҳам садақа ҳаст. Онҳо таъаҷҷуб карданд ва гуфтанд: "Эй Расули Худо, оё касе метавонад шаҳваташро баровард созад ва барои он аҷру савоб дошта бошад?!" Фармуданд: "Оё фикр мекунед, агар онро дар ҳаром, мисли зино ё ғайра сарф кунад, оё бар ӯ гуноҳ аст? Ҳамин тавр, агар онро дар ҳалол сарф кунад, барои ӯ подош аст".

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4558